# Саҳми Пешвои миллат дар тақвияти мақоми забони тоҷикӣ дар арсаи байналмилалӣ

Опубликовано 11 марта, 2023 - 13:09 пользователем Ҳайати тадорукот
Дар санаи 11.03.2023 дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон конференсияи байналмилалии илмию амалӣ таҳти унвони «Саҳми Пешвои миллат дар тақвияти мақоми забони тоҷикӣ дар арсаи байналмилалӣ», Рӯзи байналмилалии забони модарӣ, 35-солагии Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30-солагии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва 70-солагии Корманди шоистаи Тоҷикистон Шокириён Туғрал

Сироҷзода баргузор гардид.
Дар кори конференсия донишмандони зиёде аз дохил ва беруни ҷумҳурӣ иштирок карданд. Аз ҷумла, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон узви вобастаи АМИТ, профессор Сахидод Раҳматуллозода аз номи раиси Кумитаи забон ва истилоҳот профессор О. Муҳаммадҷонзода ҳозиринро шодбош гуфта, дар кори конференсия муваффақият таманно намуда, дар мавзуи “Забони миллӣ, манфиати миллӣ ва ваҳдати миллӣ - арзишҳои муҳимми Истиқлоли давлатӣ” суханронӣ карда, роҷеъ ба саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мустаҳкам намудани пояҳои маънавиёт ва арзишҳои миллӣ, махсусан, забони тоҷикӣ гузориш дод.

Дар конференсия масъулини ҳукумати вилояти Суғд, олимони ДДҲБС , мутахассисон ва ҳайати профессорону дотсентони кафедраҳои забони тоҷикии донишгоҳҳои ҷумҳуриамон (А. Ҳасанзода, А. Мамадназаров, О. Қосимов, М. Олимҷонов, М. Хоҷаева, А. Файзуллоев, Н. Ғиёсов, А. Абдуқодиров, Ю. Кенҷаев, С. Кенҷаев, М. Кенҷазода, С. Узбеков, А. Одинаев, Д. Саломова, ), ҳайати адибони ҳавзаи Суғд (шоирони халқии Тоҷикистон Фарзона ва Аҳмадҷони Раҳматзод), олимони Донишгоҳи давлатии Фарғона (н.и.ф. Фарҳод Исомиддинов, Масъуди Мирзо ва Ҷумъаи Ҷамол) ва дигарон иштирок карда, доир ба саҳми меъмори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат дар равнақуривоҷи забони давлатӣ суханронӣ карданд.

Ҳамчунин, бо таваҷҷуҳ ба ин ки устод Шокириён Туғралхон 70-сола шуда, ба ҳайси яке аз мубаллиғони забони давлатӣ дар пиёда сохтани ҳадафҳои неки Сарвари давлат доир ба забон асару мақолаҳои зиёде навишта, дар татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба “Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои забони тоҷикӣ” ва “Барномаи рушди забони тоҷикӣ барои солҳои 2020-2030” саҳми назаррас дорад, маърузаҳо шуда, эшонро ба ин рӯзи фархунда табрик карданд.

Мақолаҳое, ки ба конференсия пешниҳод шудаанд, дар шакли китоби алоҳида бо номи “Забон дорӣ, ҷаҳон дорӣ”, Хуҷанд: “Ношир” дар ҳаҷми 641 саҳифа чоп шуд.

**Рейтинг контента:** 4

Средняя оценка: 3.7 (3 голос)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [1]

**Источник::**http://istilohot.tj/ru/node/6919?mini=2025-09

**Ссылки**
[1] http://istilohot.tj/ru/taxonomy/term/10